ТАҚРИЗ

ба автореферати рисолаи номзадии Бобошоҳзода Муҳаммадшариф Сангинмурод дар мавзуи «Гуфтумон (дискурс)-и расонаии дипломатияи оби Тоҷикистон: таҳлили мушкилот ва дурнамои инъикоси масъалаи ҳифзи пиряхҳо» пешниҳодшуда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22 – Рӯзноманигорӣ

Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва тағйирёбии иқлими глобалӣ, масъалаҳои ҳифзи муҳити зист, бахусус об ва пиряхҳо, ба яке аз мушкилоти мубрами башарият табдил ёфтаанд. Дар ин раванд, иқдомот ва ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Пешвои муаззами миллат дар сатҳи ҷаҳонӣ эътироф гардидаанд. Аз ин рӯ, таҳқиқи «дипломатияи об» ва инъикоси масъалаи ҳифзи пиряхҳо дар расонаҳо аз дидгоҳи назария ва амалияи журналистика ниҳоят муҳим ва саривақтӣ мебошад. Рисолаи мазкур бори аввал ин мавзуъро на танҳо ҳамчун мушкилоти сиёсию экологӣ, балки ҳамчун низоми мукаммали гуфтумони расонаӣ мавриди баррасӣ қарор додааст, ки мубрамияти онро дучанд мекунад.

Муаллиф дар автореферат дараҷаи омӯзиши мавзуъро ба таври муфассал таҳлил карда, онро ба чанд самти асосӣ ҷудо намудааст: аз таҳқиқоти умумии журналистика ва назарияи дискурс то экожурналистика, дипломатияи об ва пажуҳишҳои олимони тоҷик дар ин соҳа. Чунин таснифот гувоҳи он аст, ки унвончӯ заминаи назариявии мавзуъро ба хубӣ омӯхта, фарқият ва пайванди рисолаи худро бо корҳои пешина дуруст муайян кардааст.

Мақсади асосии таҳқиқот – омӯзиши ҳамаҷонибаи хусусиятҳои мундариҷавӣ, жанрӣ, риторикӣ ва коммуникативии гуфтумони расонаии дипломатияи оби Тоҷикистон ва муайян намудани тарзу услуби инъикоси ҳифзи пиряхҳо дар матбуоти тоҷик мебошад. Вазифаҳои гузошташудаи рисола (аз ҷумла таҳлили жанрҳо, ошкор кардани мушкилот ва пешниҳоди роҳҳои ҳал) мақсади мазкурро ба пуррагӣ таъмин намудаанд.

Навгонии илмии пажуҳиш возеҳ ва бо далелҳои мушаххас баён шудааст:

- мавзуи дипломатияи об ва ҳифзи пиряхҳо бори аввал ҳамчун низоми мукаммали гуфтумони расонаӣ таҳлил шудааст,
- истифодаи маҷмуии усулҳои таҳлил (таҳлили муҳтаво, таҳлили муқоисавӣ ва дискурс-таҳлил) имкон додааст, ки маводи расонаӣ аз ҷиҳати оморӣ, сохторӣ ва маърифатӣ ҳамаҷониба омӯхта шаванд,
- муайян гардидани қолабҳои маъноӣ ва риторикии пиряхҳо дар матбуот (ҳамчун сарвати миллӣ, манбаи амнияти об, хатари глобалӣ ва унсури имиҷи байналмилалӣ),
- пешниҳоди тавсияҳои мушаххаси амалӣ барои такмили забон, сохтор ва жанрҳои инъикоси мавзуъҳои илмӣ-экологӣ дар ВАО.

Рисола аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат буда, мантиқан мутавозин аст:

Боби якум ба назария ва методологияи экожурналистика ва дипломатияи об бахшида шуда, мароҳили таҳаввул ва вазифаҳои асосии онро дар бар мегирад.

Боби дуюм вижагиҳои жанрӣ ва муҳтавоии инъикоси ташаббусҳои глобалии ҳифзи пиряхҳоро дар матбуоти даврӣ таҳлил карда, воситаҳои тасвири бадеӣ ва оммавиро боҷуръат меомӯзад.

Боби сеюм мушкилоти касбӣ, салоҳиятнокии рӯзноманигорон, ҳамгироии медиавӣ ва дурнамои рушди гуфтумони мазкурро фаро гирифтааст.

Арзиши назариявии кор дар он аст, ки мафҳумҳои экожурналистика ва гуфтумони расонаии дипломатияи обро бо назардошти воқеиятҳои муосир бой мегардонад. Аҳамияти амалии он бошад, дар пешниҳоди тавсияҳои мушаххас барои рӯзноманигорон, муҳаррирон ва ниҳодҳои марбута ҷиҳати беҳтар намудани сифати инъикоси масъалаҳои экологӣ зоҳир мегардад. Тавсияҳои пешниҳодшудаи муаллиф оид ба баланд бардоштани иқтидори кадрӣ, истифодаи технологияҳои рақамӣ ва тақвияти ҳамкориҳо саривақтианд.

Ҳангоми мутолиаи автореферат баъзе паҳлуҳоро метавонем ҳамчун тавсия ё суол барои дифоъ пешниҳод намоем:

1. Дар бахши тавсияҳо шумораи банду бастҳо бисёр аст (то банди дувоздаҳум), ки бархе аз онҳо метавонанд бо ҳам муттаҳид карда шаванд, то фишурда ва мухтасар бошанд.

2. Масъалаи истифодаи шаклҳои нави медиавӣ (лонгрид, инфографика) дар ВАО-и электронии Тоҷикистон хеле муҳим аст; хуб мешуд дар ҳимоя ба ин ҷанба бештар таваҷҷуҳ шавад.

Эродҳои қайдшуда хусусияти тавсиявӣ ва машваратӣ дошта, ба арзиши умумии илмӣ ва амалии таҳқиқоти иҷрошуда таъсири манфӣ намерасонанд.

Автореферати пешниҳодшудаи Бобошоҳзода Муҳаммадшариф Сангинмурод дар мавзуи «Гуфтумон (дискурс)-и расонаии дипломатияи оби Тоҷикистон: таҳлили мушкилот ва дурнамои инъикоси масъалаи ҳифзи пиряхҳо» кори илмии мустақил, тамомшуда ва мукаммал буда, ба талаботи «Низомнома оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ»-и КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯ мебошад.

Муҳтавои автореферат нишон медиҳад, ки муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22 – Рӯзноманигорӣ мебошад.

Дотсенти кафедраи журналистика ва
назарияи тарҷумаи факултети
филологияи тоҷики МДТ
“Донишгоҳои давлатии Хуҷанд
ба академик Бобоҷон Ғафуров” Комилов Каримбой Исломович

Имзои Комилов Каримбой Исломовичро
тасдиқ мекунам:
И.в. сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Наврӯззода Э.М.

Нишонӣ: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1.
Тел: (+992-3422) 6-52-73
E-mail: rector@hgu.tj

11.11.2026с.